# 4015 - Якҷо кардани нияти рӯзаи айёму-л-бийз ва рӯзаи шаш рӯзи Шаввол

## савол

Агар касе айёму-л-бийз (сездаҳум, чаҳордаҳум ва понздаҳуми моҳ)-ро бо ҳамроҳи рӯзаи шаш рӯзи Шаввол бо як ният анҷом бидиҳад, фазилати ҳардуро ба даст хоҳад овард?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аз шайхамон, Шайх Абдулазиз ибни Абдуллоҳ ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) ин масъаларо пурсидам. Дар ҷавоб гуфт, ки умед аст, ки ӯ ин савобро ба даст оварад, зеро метавонем бигӯем, ки ӯ шаш рӯзи Шавволро рӯза гирифтааст ва инчунин метавонем бигӯем, ки ӯ айёму-л-бийз (сездаҳум, чаҳордаҳум ва понздаҳуми моҳ)-ро рӯза гирифтааст ва фазли Аллоҳ васеъ аст.

Шайх Муҳаммад ибни Солеҳ Ал-Усаймин оиди ҳамин масъала ба ман чунин посух дод:

Бале, агар шаш рӯзи Шавволро рӯза бигирад, рӯзаи айёму-л-бийз (сездаҳум, чаҳордаҳум ва понздаҳуми моҳ) аз ӯ соқит мешавад, хоҳ онро дар айёму-л-бийз (сездаҳум, чаҳордаҳум ва понздаҳум) рӯза бигирад, ё пеш ё пас аз он, зеро метавонем бигӯем, ки ӯ се рӯз аз моҳ рӯза гирифтааст. Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) фармудааст: "Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) ҳар моҳ се рӯз рӯза мегирифт ва барояш муҳим набуд, ки ин се рӯз дар аввал ё мобайн ё охири моҳ бошад". Ин монанди соқит шудани намози таҳияи масҷид бо намози суннати ротиба аст. Бинобар ин агар касе ба масҷид дохил шуда, суннати ротиба бихонад, намози таҳияи масҷид аз ӯ соқит мешавад… Аллоҳ донотар аст.